Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

____________Солеҳзода А.А.
" 10" марти соли 2022

# П Р О Т О К О Л И №01
## ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии ҷараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 10 марти соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Зиёиён А.-сардори Сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолии Вазорати рушди иқтисод ва савдо,

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди саноати мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №527) ;

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри 2012, №676 тасдиқ шудааст.

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А.А. ифтитоҳ намуда, қайд намуданд, ки бо мақсади иҷрои бандҳои 6 ва 7-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва сархати 1 банди 6-и нусха аз Протоколи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2022, №1 фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 24 феврали соли 2022, №12 ба имзо расидааст (шиносоӣ бо азоёни Гурӯҳи корӣ).

Сипас, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи рушди саноати мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» Зокиров Комил-сармутахассиси Раёсати мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химиявии Вазорати саноат ва технологияҳои нав гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Барнома асосан вазъи кунунӣ ва рушди минбаъдаи соҳаҳои афзалиятноки мошинсозии ҷумҳурӣ, аз қабили мошинсозии кишоварзӣ, коркарди металл ва истеҳсоли маҳсулоти металлӣ, истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ, истеҳсолоти техникаи маишӣ ва молҳои ниёзи мардум, истеҳсолоти автомобилҳои сабукрав ва автобусҳои мусофиркашро таҳлил намуда, самтҳои рушди соҳаҳои зикргардидаро бо дар назар доштани вазъи имрӯзаи истеҳсолӣ, имконоти молиявӣ ва ҷалби сармоягузориҳо аз сарчашмаҳои гуногун ва таъмини бозори дохилиро бо маҳсулоти соҳа дар давраи то соли 2025 муайян менамояд.

Мӯҳлати амалисозии Барнома ду давраро дар бар гирифта, тибқи нақшаи он барои рушди соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия бо дарназардошти таҷдид ва барқарор намудани иқтидорҳои корхонаҳо ва мавриди истифода қарор додани корхонаҳои нави соҳавӣ ва имконияти афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа 6,0 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Шумораи корхонаҳо ва ҷойҳои кории соҳаҳои мошинсозӣ дар соли 2021 308 адад бо 14348 нафар ҷойҳои нави корӣ амали шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия дар соли 2020 1986,2 млн. сомонӣ ва дар соли 2021 2386,1 млн. сомониро ташкил дод.

Иҷроиши нишондоди барномаи мазкур дар соли 2021 нисбат ба нақша 100,1 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлил нишон дод, ки дар таҳияи Барнома низоми банақшагирии стратегӣ дуруст роҳандозӣ нашудааст.

Ҳамзамон таклиф шуд, ки рақамҳои пешниҳодшудаи вазорат бо нишондиҳандаҳои Барномаи мазкур (12 банди нақша) мутобиқат намекунад, ки такмили ҳисоботро талаб мекунад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Аброрӣ Ш. С., Файзуллозода Ф. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба чораёни иҷрои «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023» Муҳсинзода Ғ.М-муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузориш манзур намуд.

Дар рафти музокира қайд гардид, ки Барномаи мазкур татбиқи системаи фаъолона ҳамкорикунандаи самараноки байнибахшӣ, баланд бардоштани нақши пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли вазифаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, мусоидат намудан ба мубориза бо камбизоатӣ равона шудааст.

Иҷроиши нақшаи дурнамо дар соли 2021 аз рӯи ташхис ва табобати самти узвхои ҳозима 75 фоиз, самти эндокринология 80 фоиз, самти дилу рагҳо 100 фоиз, самти саратон 92 фоиз ва дар самти осеббардорӣ 93,8 фоизро ташкил дод.

Пешниҳод гардид, ки ҳисобот оид ба чораёни иҷрои Дурнамои мазкур бори дигар дар асоси эроду пешниҳодҳои баёнгардида мукаммал карда шуда, гузориши муфассал манзур карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., М. Одиназода ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Дар ҷамбасти ҷаласа бо дарназардошти натиҷаҳои баррасии масъалаҳои рӯзнома чунин қарор қабул карда шуд:

1.Вазорати саноат ва технологияҳои нав оид ба чараёни татбиқи «Барномаи рушди саноати мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» бо дарназардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 20 марти соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2.Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) гузориши ҷамбастии такмилдодашударо оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №527 то 1 апрели соли 2022 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд;

3.Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ натиҷаи иҷрои «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023»ро, бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 20 марти соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

4.Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (А. Вафо) «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023»-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли 2022 пешниҳод намояд.

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова